Эй мардум! Ба сӯи Худо тавба кунед, зеро ман рӯзе сад маротиба ба даргоҳи Ӯ тавба мекунам

Аз Ағарр (разияллоҳу анҳу), ки аз саҳобагони Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) буд, ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Эй мардум! Ба сӯи Худо тавба кунед, зеро ман рӯзе сад маротиба ба даргоҳи Ӯ тавба мекунам."

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мардумро ба зиёд тавба ва истиғфор намудан амр мекунад ва аз худ хабар медиҳад, ки дар як рӯз зиёда аз сад бор ба даргоҳи Аллоҳ Таъоло тавба мекунад ва аз Ӯ омурзиш металабад, дар ҳоле ки гуноҳони гузаштаву ояндаи Ӯ бахшида шудаанд. Дар ин кор камоли хоксорӣ ва ибодати комил барои Худованд Ҷалла ва Ъуло аст.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/4809

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee